# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046**
**дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)**
**ба Боев Муродбек Бекмаҳмадович**

**протоколи №21 аз 25.05.2024**

Диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ санаи 17 феврали соли 2024, протоколи №42 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» воқеъ дар суроғаи 735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков,1, ба ҳимоя қабул карда шудааст. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №124 аз 08 апрели соли 2022).

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 17.10.2023 сол, №10 муҳокима шуда ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**
**Ёқубов Соҳибҷон** - номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони илмӣ, дотсенти кафедраи сохтмон ва корҳои маркшейдерии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ**:
**Исломов Озод Азимович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими они МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
**Сироҷиддини Давлаталӣ** - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи математика ва методикаи таълими они МДТ “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”

Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” дар хулосаи мусбии худ, ки аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, и.в.дотсенти кафедраи алгебра ва геометрия Хоҷаев Амрохон Мирзоевич ва мудири кафедраи алгебра ва геометрия, номзади илмҳои физика-математика Ғаниев Муродбек Шамсиевич таҳия шудааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки таҳқиқотҳои гузаронидаи унвонҷӯ Боев Муродбек Бекмаҳмадович ба ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи унвонҷу Боев М., ки барои таҳқиқоти кори диссертатсионӣ интихоб намудааст, бо он муайян карда мешавад, ки таҳқиқоти мазкур аз низомбандии маълумот оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҷамъоварии маълумоти озмоишӣ, таҳлил ва ҷамъбасткунии натиҷаҳо, пешниҳоди хулосаҳои асосии диссертатсия иборат мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи рисола дар асоси тахсилоти фанҳои геометро-графикӣ муайян кардани моҳияти дидгоҳи байнифанние, ки ба қисми байнифаннии таҳсилоти графикӣ мусоидат менамояд, мушаххас карда шудааст. Ҳамчунин, мубодилаи дутарафаи равандхои омодагии геометро-графикии муҳандисони соҳаи кӯҳию металлургӣ дар мундариҷаву сохтори фанҳои омӯхташаванда, истифодаи шаклҳои инноватсионии таълим (методи лоиҳавӣ, супоришҳои эҷодии гурӯҳӣ ва инфиродӣ хело бамаврид пешниҳод намудааст.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Боев Муродбек аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот иборат аст.

**Нуқтаҳои назариявӣ ва амалие, ки дар раванди таҳқиқоти муаллиф** ба даст омадаанд, дар таҳқиқи асосҳои педагогии самти омодасозии муҳандисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи назариявӣ хидмат менамояд.

Маҷмӯи интишороти муаллифи диссертатсия нишон медиҳанд, ки муаллиф дар доираи мавзуи диссертатсия 4 адад дастури таълимӣ, 4 адад мақолаҳои илмии дар маҷаллахои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27 - адад мақолаҳои илмие, ки муҳтавои маърузаҳо дар конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ буда, дар маҷмуаҳои конференсияҳо ба табъ расонидааст. Аз ин бармеояд, ки муаллиф корҳои

таҳқиқотиро ҳаматарафа мустақилона иҷро намуда, ҷабҳахои аҳамияти назариявӣ ва амалии онро нишон додааст.

Кори илмии Боев Муродбек Бекмаҳмадович, дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикӣ» таҳқиқоти илмӣ - тахассусии анҷомёфта буда, аз рӯи ҳаҷму арзиши назариявӣ ва амалии хулосаҳои илмӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо назардошти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, № 295 оид ба ворид шудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) сазовор мебошад.

Инчунин, ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид гардиданд:

Тақризи аввал аз ҷониби номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи корҳои маркшейдерӣ ва геодезияи Донишгоҳи миллии тадқиқотии техникии Иркутск Олзоев Борис Николаевич пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи дуюм аз ҷониби доктори илмҳои техникӣ (PhD), дотсент, муовини декани факултети "Геологияи конҳои фоиданок"-и Донишгоҳи илмҳои геологии Ҷумҳурии Узбекистон Раҳимов Шерзод Шавкатович пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи сеюм, аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмадов Файз пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз як пешниҳод иброз кардааст:

Ба сифати тавсия пешниҳод менамоем, ки хуб мешуд, доир ба шароити кунунии омӯзиши фанҳои геометрия, геометрияи тасвирӣ ва графикаи муҳандисӣ андешаҳои унвонҷу мушаххастар баён меёфт.

Тақризи чорум аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, муовини якуми директори Филиали "Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ" – и Донишкадаи энергетикии Москва" дар шаҳри Душанбе Додоҷонов Акрам Ахмедҷонович пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз пешниҳод баён кардааст:

Ба сифати тавсия пешниҳод менамоем, ки унвонҷӯ ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ-озмоишӣ донишкадаву донишгоҳҳои омӯзгориро ҳам интихоб менамуд, беҳтар мегардид.

Тақризи панҷум аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи физика ва фанҳои техникии Донишгоҳи

технологии Тоҷикистон Мирзоева Малика Пулодовна пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи шашум аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технология, нақшакашӣ ва дизайни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мухторова Гавҳар Ғафоровна пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" аз 13 марти соли 2024, протоколи №44 интихоб шуданд.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

1. Самтҳои рушди таҳсилоти муҳандисӣ-графикӣ асоснок карда шуда, мазмуни мантиқӣ ва моҳияти дидгоҳи байнифаннӣ нисбат ба омӯзиши фанҳои зикршуда дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ аз ҷиҳати илмӣ муайян карда шуданд.

2. Сабабҳои асосии сифати пасти омодагии анъанавии графикии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ таҳлил ва ташхис карда шуда, воситаву методҳои бартараф намудани онҳо тариқи гузариш ба методҳои муосири инноватсионии таҳсилоти графикӣ муайян ва пешниҳод карда шуданд.

3. Барои омодагии мутахассисони самтҳои техникӣ дар заминаи дидгоҳи байнифаннӣ махсусияти мундариҷаи таҳсилоти графикӣ бо такя ба дастовардҳои имрӯзаи илм муайян карда шуданд.

4. Амсилаи мундариҷавию протсессуалии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти геометрӣ-графикӣ тавассути ҳамгироии фанҳои геометрӣ-графикӣ коркард ва тариқи озмоиш санҷида шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** чунин зоҳир мешавад:

- ҷорӣ намудани таҳсилоти графикии тамоюлаш консептуалӣ бо махсусияти системавӣ – амалӣ ба сифати таҳкурсии салоҳиятнокии касбии муҳандиси оянда дар шароити иттилоотикунонии ва ҳамгироии соҳаҳои гуногуни фаъолият;

- пешниҳоди роҳҳои ноилшавӣ ба азхудкунии системаноки мундариҷаи таҳсилоти графикӣ ва фарогирии маҳорати амалӣ дар заминаи татбиқи комплекси методҳо, шаклҳо ва воситаҳои идоракунии таълим дар раванди амалисозии коркарди амсилаи омодагии муҳандиси оянда бо назардошти таҳияи нақшаи таълим дар заминаи дидгоҳи байнифаннӣ;

-коркарди мазмуну мундариҷаи фанни “Графикаи муҳандисӣ - компютерӣ”, ҳамчунин татбиқи дақиқу арзишманди озмоишии он дар раванди таҳсилоти муассисаҳои олии техникӣ;

-коркарди маҷмӯи воситаҳо барои дастгирии ҳаматарафаи омодагии геометрӣ-графикӣ, ки имконияти истифодаи натиҷаҳои ҳосилшударо дар раванди коркарду амалисозии маҷмӯаҳои нави таълимӣ фароҳам меорад;

- ҷорӣ намудани маҷмӯи қисмҳои асосии таҳсилоти геометро – графикӣ дар раванди таълими Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ва ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

**Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба мақсаду вазифаҳои он пурра мувофиқ буда, бо муқаррароти назариявӣ оид ба раванди таълими фанни муҳандисӣ-компютерии графикӣ (назарияи амсиласозии геометрӣ-графикӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, амалияи татбиқ дар раванди таълим, натиҷаҳои озмоиши педагогӣ, аз санҷиш гузаронидани таҳқиқот бо муҳокимаи минбаъдаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияву семинарҳои умумиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот, дар раванди таҳлили муқоисавии натиҷаҳои ҳосилшуда, ҷамъоварӣ ва таҳлили мавод оид ба мавзӯи диссертатсия аз адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ, шарҳу тафсири маводи дарёфтшуда ва ба низом даровардани онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо баёни натиҷаҳои ноилшуда; коркарди назариявӣ-методологии матлабҳо ва ғояҳои асосии таҳқиқот оид ба мавзӯи интихобшуда; муайян намудани принсипҳои ташаккули сохтору мундариҷаи таҳсилоти графикӣ; муайян кардани махсусияти муносибати байнифаннӣ ба таҳсилоти графикии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Тоҷикистон; таҳия ва интишори мақолаҳои ва дастурҳо оид ба мавзӯи таҳқиқот таҷассум меёбад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 10 нафар (2 нафар-онлайн), аз онҳо 8 нафар доктори илм, мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 6 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ ___10 нафар
муқобили додани дараҷаи илмӣ __нест____
бюллетенҳои беэътибор __________нест_____

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 25 майи соли 2024 зимни баррасии маърӯзаи **Боев Муродбек Бекмаҳмадович** дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии

муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), хулосаи роҳбари илмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони илмӣ, дотсент Ёқубов Соҳибҷон; хулосаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академия таҳсилоти Тоҷикистон аз 17.10.2023 сол, №10; хулосаи муассисаи пешбар – МДТ "Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», муқарризони расмӣ, ҳамчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи Шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович доир ба эътимоднокӣ ва асоснокии таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои ба табъ расида ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзуи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ» кори тадқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахасссусӣ буда, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА-и назди Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-уми соли 2021, таҳти№267 (бо назардошти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, № 295 оид ба ворид шудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур) тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шуро ("тарафдор"-10 нафар, "зид"- нест , "бюллетенҳои бекоршуда"- нест), диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35-и Низомномаи "Шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаи илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 (бо назардошти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, № 295 оид ба ворид шудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй ҳисобида шавад ва ба Боев Муродбек Бекмаҳмадович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) дода шавад.

2. Хулосаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" дар мувофиқа бо талаботи бандҳои 31 ва 33 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267(бо назардошти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, № 295 оид ба ворид шудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур) тасдиқ шудааст, қабул карда шавад.

3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шуроро тасдиқ намояд ва ба **Боев Муродбек Бекмаҳмадович** дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) дода шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА 046 - и назди МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева М.А.

25.05.2024 с.